Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-109-и
назди Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А.

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи тақризшаванда ба бандҳои Шиносномаи ихтисоси илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ), аз ҷумла: 1. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои таснифӣ (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва афзорҳои танзими он; 3. Таҳияи методҳои нав ва мутобиқгардонии методҳои мавҷуда, механизмҳо ва афзорҳои баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ; 5. Захираҳои корпоративии таъиноти стратегӣ ва амнияти иқтисодӣ (сармояи асосӣ ва гардон, захираҳои инсонӣ, иқтидори пешрафти илмию техникӣ, таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ); 6. Ҷанбаҳои ташкилию методологӣ ва методии таъмини амнияти иқтисодӣ, мутобиқат мекунад.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки бо роҳи истифодаи усулҳои инноватсионӣ-соҳибкорӣ зарурати ҳамкории байни соҳаҳои гуногунро талаб мекунад, рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ саҳми арзанда мегузорад. Ҳамзамон, нақши иҷтимоӣ ва аҳаммияти стратегӣ доштани чунин ташкилотҳо дар таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти иқтисодӣ низ инъикос мегардад.

Қайд намудан бамаврид аст, фаъолияти босамари ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, хусусиятҳои соҳаҳои дигари иқтисодиётро доро буда, метавонанд дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии

ҷомеа самаранок иштирок намоянд ва барои таъмини амнияти иқтисодӣ захираҳои гуногунро ҷалб намоянд.

Дар ин замина, таҳқиқ намудани хусусиятҳои рушд ва фаъолияти ташкилотҳои гайритиҷоратӣ воситаи муҳимми ҷустуҷӯ намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти ичтимоӣ буда, барои таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили низоми идоракунии онҳо дар мисоли бахшҳои ичтимоии осебпазири ичтисодиёти миллӣ актуалӣ мебошад.

Гуфтаҳои дар боло зикр гардида, мубрамияту муҳиммияти кори диссертатсионии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумаликро дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири ичтисодиёти миллӣ)» тасдиқ намуда саривақтӣ будани омӯзиши онҳоро исбот менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навғонии илмии таҳқиқот дар асосноккунии масъалаҳои назариявӣ-методӣ ва амалии такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои ичтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ марбут бо масоили таҳкими амнияти иқтисодӣ зоҳир мегардад. Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик мукаммалгардонии низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратиеро, ки дар бахшҳои қайд карда шуда фаъолият мекунанд, бори аввал ҳамчун унсури таркибии таҳкими амнияти иқтисодии кишвар асоснок намуда консепсияи таъмини амнияти иқтисодиро васеътар намудааст.

Ҳамин тариқ, дар кори аз тарафи М.А. Ҳакимзода иҷро шуда унсурҳои асосии илмӣ, ки ҷанбаи навгонӣ доранд, асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

1. Консепсияи таъмини амнияти иқтисодӣ пурра гардонида шудааст, ки бо дарназардошти ворид кардани усулҳои дастгирии даҳ ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта ва мукаммалгардонии идоракунии онҳо ба таъмини он ноил гардидан мумкин аст. Зимнан, ҳамчун усулҳои муассири дастгирӣ тадбирҳои институтсионалӣ, молиявию буҷетӣ ва андозӣ асоснок ва пешниҳод шудаанд.

2. Барои равшантар кардани нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ, шаклҳои муассири ташкилию иқтисодии онҳо дар самти иҷтимоиёт пешниҳод шудаанд, ки марбут ба фарогирии иқтисодии табақаҳои осебпазир (дар навбати аввал, маъюбон) бо шуғли пурмаҳсул, рушди иқтисодиёти сабз, фарогирии ҷанбаҳои гендерӣ, коҳиши ҷараёнҳои муҳоҷират мебошанд.

3. Масоили назариявии таҳкими амнияти иқтисодии кишвар дар асоси муайян намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ

тавассути таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба такмили низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ ва арзёбии фаъолияти онҳо пешниҳод карда шудааст.

4. Таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи муайян намудани усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии мукаммалгардонии низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир пешниҳод карда шудааст.

Бояд қайд намуд, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ба фикри мо, дар маҷмуъ равиши ҳамаҷонибаи муаллифро оид ба масъалаҳои таҳқиқ кардашуда, раванди ташаккул ва такмили низоми миллии мукаммалгардонии идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахши мазкурро инъикос мекунанд. Муаллиф асосҳои ҳам назариявӣ ва ҳам методиро, ки олимони хориҷию ватанӣ дар таълифоти худ оид ба фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва аҳаммияти онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодӣ, дар заминаи фаъолият дар бахшҳои иҷтимоии осебпазир, аз қабили ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил ва ҷалби занон ба фазои иқтисодӣ, инчунин ҳалли масоили экологӣ ва тавсеаи иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Таҳқиқоти аз тарафи ӯ гузаронида шуда бо истифодаи методҳои дарки илмӣ-гурӯҳбандӣ, баҳодиҳии сифатию миқдорӣ, таҳлили қиёсӣ, баҳогузорӣ дар асоси пурсишҳо ва ғайраҳо асоснок карда шудааст.

Сохтори диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боби асосӣ, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин рӯйхати адабиёт (177 номгӯй) иборат буда, дар умум матни он дар 212 саҳифа дарҷ гардидааст. Дар диссертатсия 38 ҷадвал ва 10 расм оварда шудааст.

**Муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуъ, фарзия, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, пойгоҳ, навғонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми онро дар бар мегирад (с. 4-14).

**Дар боби якум** “Асосҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта” ҷанбаҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, хусусиятҳои иқтисодии онҳо ҳамчун шакли махсуси низоми соҳибкории иҷтимоӣ – масъалаҳои назариявӣ ва амалии

таҳкими амнияти иқтисодӣ ва инчунин таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд (с. 15-62).

Аз ҷумла, муаллиф дар ин боб мавқеи муҳаққиқонро доир ба таърифи амнияти иқтисодӣ ба шакли ҷадвали 1.1 оварда (с. 16-17), сохтори амнияти миллиро мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон таҳия намудааст (с. 17, расми 1.1) ва дар асоси таҳлили мавқеи муҳаққиқон доир ба зарурати фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли масоили иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ мавқеи худро муайян намудааст (саҳ. 19, ҷадвали 1.2).

Унвонҷӯ рушд ва фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар кишвар воситаи муҳимми ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мешуморад, ки то ҳоло ба онҳо аз дидгоҳи назарияи таъмини амнияти иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир нашудааст. Дар ин замина, ӯ фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ҳамкории онҳоро бо дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун ташаккули рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии муассир мешуморад. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти чунин ташкилотҳо дар бахшҳои осебпазири иқтисодиёт, махсусан ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, идоракунии муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани занон ва ҳалли мушкилоти экологӣ саҳм мегузоранд, ки чунин раванд нақши иҷтимоӣ ва аҳаммияти стратегӣ доштани фаъолияти чунин ташкилотҳоро дар таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти иқтисодӣ инъикос менамояд (с. 30).

Дар қисмати омӯзишу таҳлили таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ доштаро дар инкишоф ва самти фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дида баромада муаллиф қайд мекунад, ки чунин ташкилотҳо дар кишварҳои дорои сиёсати иҷтимоии рушдёфта фаъолона тавсеа ёфта истодаанд. Ҳамзамон, сабабҳои пайдоиш ва инкишофи ин гуна ташкилотҳоро муаллиф дар мавҷудияти норасоиҳои муносибатҳои бозоргонӣ, маҳдуд будани захираҳо ва нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа мешуморад. Ӯ дуруст муайян мекунад, ки шароити муосири ҷаҳонӣ самтҳои асосии такмили низоми идоракунии махсусро дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёт, аз ҷумла ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, мусоидат ба муҳоҷирати меҳнатии муташаккил, ҳамгиро намудани занон ба фазои иқтисодӣ ва ҳалли масоили марбут ба экологӣя ва иқтисоди сабзро талаб менамояд (с. 47-62).

**Боби дуюми диссертатсия** «Фаъолияти ташкилотҳои гайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта ва аҳаммияти онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуда ба таҳлили фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини шугл ва суботи иҷтимоии маъюбон, низоми идоракунии чунин ташкилотҳо дар ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ, саҳми ташкилотҳои

ғайритиҷоратӣ дар баланд бардоштани мақоми иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо, инчунин ба муайян намудани нақши чунин ташкилотҳо дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва рушди иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисоди ҷумҳурӣ бахшида шудааст (с. 63-127).

Ба воситаи гузаронидани таҳқиқот ва таҳлили вазъияти ҷойдошта унвонҷӯ асоснок менамояд, ки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи дастгирии маъюбон ҷиҳати ворид шудан ба фазои иқтисодӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад ва ин намуди ташкилотҳо на танҳо имконияти баробарро ҷиҳати ҳамгироии маъбон ба бозори меҳнат таъмин менамояд, балки шароити мусоидро барои шуғли дастрас ва мутобиқшуда фароҳам меоранд (с. 63-78).

Муаллиф масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии берунаро ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодии мушкилоти мураккаби байнисоҳавӣ таҳлил намуда онҳоро бо иқтисодиёт, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқ, менеҷмент, инчунин амнияти миллию иқтисодӣ вобаста мекунад ва дуруст қайд менамояд, ки шароити ҷаҳонишавӣ ва ноустувории бозорҳои миллии меҳнат аҳаммияти фаъолияти чунин ташкилотҳоро, ки ба иштирокчиёни асосии идоракунии равандҳои муҳоҷират табдил меёбанд, зиёд менамояд. Бинобар ҳамин ҳам аз нуқтаи назари унвонҷӯ ҳангоми омӯзиши нақш ва механизмҳои таъсиррасонии онҳо ба амнияти иқтисодӣ равиши комплексӣ лозим аст (с. 78-94).

Дар асоси таҳлили гузаронида шуда муаллиф дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ҳамчун воситаи муҳимми фаъолсозии иқтидори иқтисодии занон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ муайян менамояд (с. 94-110).

Ҳамзамон, амнияти экологӣ, ба фикри муаллиф, асоси устувории дарозмуддати иқтисодиро ташкил медиҳад ва идоракунии самараноки об, ҳифзи ҷангал, пешгирӣ аз биёбоншавӣ бошад, дар навбати худ ба таъмини амнияти озуқаворӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва коҳиши хатари офатҳои экологӣ бевосита таъсир мерасонад. Аз ин нуқтаи назар фаъолияти босамари ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун миёнарав байни аҳолӣ, давлат ва донорҳо амал карда, татбиқи барномаҳои мутобиқшавиро дар сатҳи маҳаллӣ таъмин менамояд (с. 110-127).

**Дар боби сеюм** «Роҳҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта» тавсияҳои методии ташкили системаи арзёбии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар доираи раванди таҳкими амнияти иқтисодӣ, такмили усулҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ ва равишҳои методии ислоҳоти

низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ дида баромада шудаанд (с. 128-169).

Аз ҷумла дар хулосаи боби мазкур муаллиф равиши системавии мукаммалгардонии низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ муайян намуда, ҳатмӣ будани самтҳои навсозии сохтор ва равандҳои идоракунӣ, татбиқи технологияҳои навини идоракунӣ, ки самаранокӣ ва шаффофияти фаъолиятро таъмин менамоянд, тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва бахши хусусӣ, таъмини шаффофият дар фаъолият ва ҳисоботдиҳӣ, тақвияти малакаи идоракунӣ ва тахассусмандии кормандонро қайд карда мегузарад (с. 166-168).

Ба фикри ӯ, равиши системавӣ оид ба мукаммалгардонии низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ бояд унсурҳои зеринро дар бар гиранд:

- ҳифзи манфиатҳои инсон, новобаста аз вазъи ҷисмонӣ, молиявӣ, миллӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳо, яъне фаъолият бояд дар асоси эҳтиром ба шаъну шарафи инсон роҳандозӣ карда шаванд;
- самаранокӣ ва шаффофияти фаъолият, яъне тамоми фаъолият бояд арзёбӣ ва баҳогузорӣ карда шавад;
- ҳамкории байнисоҳавӣ, яъне фаъолият дар асоси ҳамкорӣ бо дигар соҳаҳо, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, хадамоти шуғл ва ғайра бояд сурат гирад;
- мутобиқшавӣ ба вазъият, яъне зимни идоракунӣ бояд хусусиятҳои маҳаллӣ ба инобат гирифта шаванд.

Дар қисматҳои **хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо оварда шудаанд (с. 169-174).

**Рӯйхати адабиёт** 177 номгӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, захираҳои электронӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаҳо ва маърӯзаҳо, диссертатсия ва авторефератҳоро дар бар мегирад, ки ба забони давлатӣ ва хориҷӣ интишор шудаанд (с. 175-195).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда асоснок ва боэътимод буда бо омӯзиши амиқи назариявии масъала, таҳлили муназзами пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, омӯзиш ва арзёбии таҷрибаи байналмилалӣ ва миллии пешбурд оид ба фаъолияти ташкилотҳои гайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта ва роҳҳои такмили низоми идоракунии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи таҳкими амнияти иқтисодӣ асоснок карда

шудаанд ва бори нахуст вобастагии мустақими байни сатҳи амнияти макроиқтисодӣ ва сифати идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун низоми субъектҳои фаъоли иқтисодӣ ошкор ва исбот карда шудааст. Тавассути омӯзиши адабиёти марбут ба мавзуи таҳқиқот эътимоднокии маълумот, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои омории таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда шудааст. Хулоса, пешниҳодот ва тавсияҳои методӣ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ таҳия гардида, истифодаи маълумот ва маводи воқеӣ аз амалияи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодот ҷиҳати дарки мубрамияти фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, самтҳои фаъолияти онҳо дар кишвар бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ, ҳамчунин бо муайян намудани роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ мусоидат хоҳанд кард. Натиҷаҳои ба даст овардашуда метавонанд дар таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи барномаҳои таҳсилотии омодасозии олимону мутахасисони соҳаи мазкур истифода шаванд.

Тавсияҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдода, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд, метавонанд дар раванди таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ, курсҳои лексионӣ ва маводи методӣ доир ба фанҳои «Амнияти иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти меҳнат» ба таври муассир мавриди истифода қарор гиранд. Ин ҳолат аз **аҳаммияти амалӣ** ва татбиқшавандаи натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, тавсияҳои методии фаъолгардонии соҳибкории иҷтимоӣ дар фаъолияти ташкилотҳои гайритиҷоратӣ метавонанд дар **таҳкими амнияти иқтисодии кишвар** истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти иҷтимоии** таҳқиқот дар татбиқи пешниҳодҳо оид ба роҳҳо ва усулҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии зикргардида ва фаъолгардонии соҳибкории иҷтимоӣ дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодии кишвар ифода меёбад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақола, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, 6-то дар конференсияҳои байналмилалӣ ва 2-то дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ интишор гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Барасмиятдарории диссертатсия ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) мувофиқ мебошад. Дар бахши муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия, асосҳои назариявӣ, сарчашмаи маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар ҷиҳатҳои муҳимми диссертатсия инъикос гардидаанд. Меъёрҳои дигари марбут ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо, расмҳо ва тартиби ороиши рӯйхати адабиёт дар диссертатсия риоя гардидаанд.

**Камбудиҳои диссертатсия**

Кори диссертатсионии ба тақриз пешниҳод шуда дар баробари бартариятҳои дар боло зикр ғардида, дорои як қатор норасоиҳои зерин низ мебошад, ки хусусиятҳои тавсиявӣ дошта метавонанд аз тарафи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои оянда ба назар ғирифта шаванд.

1. Ҳарчанд, муаллиф дар ҳар се боб хулосаҳои мухтасарро қайд намудааст, ба фикри мо, агар ӯ онҳоро мушахасстар ва васеътар намуда, дар мундариҷа ҳамчун қисматҳои алоҳида нишон медод, ба фоидаи кор мешуд.

2. Корбурди маълумотҳои воқеӣ ва таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ агар васеътар ва возеҳтар гузаронида шуда, истифодаи онҳо бо назардошти шароити кунунии иқтисодиёти Тоҷикистон қайд мегардидан, ҷабҳаҳои амалии таҳқиқот қавитар мешуд.

3. Мундариҷаи кори диссертатсионӣ дар умум пайдарҳамӣ ва пайвастагиро доро бошад ҳам, ба фикри мо, зербоби 2.4 таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунад ва ин хусусиятҳоро дар боби дуюм вайрон намудааст.

4. Дар боби дуюми таҳқиқот ҷадвалҳо ва расмҳои зиёде оварда ва таҳлил карда шудаанд, вале баъзеи онҳо коркардро талаб мекунанд (масалан, ҷадвалҳои 2.12, 2.14 ва ғ.).

5. Ба фикри мо пешниҳодҳои амалии муаллиф тафсилоти бештарро талаб мекунанд. Махсусан, дар боби 3 тавсияҳо оид ба такмили усулҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ, ки ба таври боварибахш баён карда шудаанд, дар баъзе мавридҳо хусусияти умумӣ

доранд, ки онҳоро бо мисолҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои муосир пурра кардан ба фоидаи кор мебуд.

Бояд қайд намуд, ки камбудӣ ва норасоиҳои дар боло номбар шуда, хусусиятҳои тавсиявӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои кори диссератсионии иҷрошуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявӣ, методӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд.

## Хулоса

Дар умум, кори диссертатсионии тақризшаванда дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро гардида, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд. Автореферати диссертатсия тибқи талабот таҳия гардида, мақсад ва муҳтавои асосии онро инъикос мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бандҳои 32, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 таҳти рақами 295 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ**
профессори кафедраи
«Менеҷмент ва маркетинг»-и
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
д.и.и., профессор Амонова Дилбар Субҳоновна

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Телефон: 918-74-94-94 E-mail: dilbar_amonova@mail.ru

**Имзои Амонова Дилбар Субҳоновнаро тасдиқ мекунам:**

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Телефон: (+992) 37 221-35-50, E-mail: rtsu.tj